# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) 26.03.2026. ш. Душанбе**

Автореферати диссертатсияи мазкур, ки аз 88 саҳифа (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) иборат аст, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқот ба доираи масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносии муосир, пеш аз ҳама ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ тааллуқ дошта, дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва тавсеаи инфрасохтори нақлиётии кишвар аҳамияти назариявӣ ва амалии махсус пайдо менамояд. Сохтори автореферат бо риояи талаботҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода карда шуда, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Мубрамият ва аҳамияти илмии мавзуъ. Муаллиф дар қисми муқаддимавии автореферат мубрамияти мавзуро бо такя ба омилҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд. Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳсор, ки қисми зиёди қаламрави онро минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд, ба инфрасохтори муосири нақлиётӣ, аз ҷумла роҳҳои автомобилгард, ниёзманд мебошад. Дар чунин шароит роҳҳои автомобилгард на танҳо воситаи муҳими алоқаи иқтисодию иҷтимоӣ, балки унсури муҳими таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори давлат ба ҳисоб мераванд.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ ва густариши муносибатҳои бозорӣ нақши бахши хусусӣ дар соҳаи сохтмон ва истифодаи инфрасохтори нақлиётӣ тадриҷан афзоиш ёфта истодааст. Бо вуҷуди ин, рушди босуръати муносибатҳои иқтисодӣ дар ин самт бо як қатор мушкилоти ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Аз ҷумла, масъалаҳои муайян намудани мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ, тартиби иштироки субъектҳои соҳибкорӣ дар сохтмон ва нигоҳдории онҳо, инчунин механизмҳои ҳуқуқии идоракунӣ ва истифодаи чунин объектҳо то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ ва танзим нашудаанд.

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз мавҷудияти санадҳои меъёрии алоҳида дар соҳаи роҳдорӣ, баъзе масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин бахш ба таври мукаммал инъикос наёфтаанд. Норасоии танзими ҳуқуқӣ метавонад боиси ба вуҷуд омадани ихтилофот дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва коҳиш ёфтани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ гардад. Дар ин замина таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодгардида аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Сохтор ва мазмуни автореферат. Автореферат бо риояи талаботи муқарраргардида таҳия гардида, қисматҳои асосии таҳқиқоти илмиро фаро мегирад. Дар қисми тавсифи умумии таҳқиқот мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян карда шудаанд. Мақсади асосии таҳқиқот таҳлили комплексии масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ва коркарди пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин мақсад муаллиф як қатор вазифаҳои илмиро муайян намудааст, аз ҷумла: таҳлили моҳияти ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ; омӯзиши хусусиятҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи роҳсозӣ; таҳқиқи заминаҳои

ҳуқуқии иштироки субъектҳои соҳибкорӣ дар сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард; муайян намудани камбудиҳои қонунгузории амалкунанда ва коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили он.

Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меоянд. Мавзуи таҳқиқот бошад, маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ин муносибатҳо, инчунин амалияи татбиқи онҳо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ мебошад.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳо, қонунҳои соҳавӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Навгонии илмӣ ва нуқтаҳои ҳимояшаванда. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар хусусияти комплексӣ ва системавии баррасии масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард зоҳир мегардад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард, инчунин хусусиятҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин соҳа ба таври мукаммал таҳлил карда шаванд. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф як қатор пешниҳодҳои илмӣ ва амалиро ба миён гузоштааст.

Ҳамчунин дар таҳқиқот зарурати такмили механизмҳои ҳуқуқии ҷалби субъектҳои соҳибкорӣ ба раванди сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард асоснок карда шудааст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои рушди ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаи роҳсозӣ заминаҳои ҳуқуқии мукаммалтар фароҳам оварда шаванд.

Дар автореферат мушкилиҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз равишҳои доктриналӣ, меъёрҳои

қонунгузории амалкунанда, ҳамчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар ин соҳа, таҳлил шудааст, ки нақши онҳоро дар ягонасозӣ ва ҳамоҳангсозии ҳуқуқ нишон медиҳад. Ҳамчунин рӯйхати нашрияҳо (2 воситаи таълимӣ, 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст) ва адабиёт (17 манбаъ, аз ҷумла монографияҳо ва захираҳои электронӣ) ҳаҷм ва сифати таҳқиқотро тасдиқ менамоянд ва аннотатсияҳо ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ), оварда шудааст, ки муҳтавои мазмуни пурраи таҳқиқотро инъикос менамояд.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи маълум мегардад, ки муаллиф таърихи инкишофи қонунгузорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро ба панҷ марҳила ҷудо намудааст. Бо вуҷуди аҳамияти чунин гурӯҳбандӣ, асосҳои илмии ин марҳилабандӣ ба таври кофӣ шарҳ дода нашудаанд. Ҳамчунин, таҳлили санадҳои мушаххаси меъёрии ҳуқуқии ҳар як давра ба таври муфассал пешниҳод нагардидааст. Аз ин рӯ, хуб мебуд агар муаллиф марҳилаҳои зикршударо бо такя ба таҳлили амиқтари қонунгузории амалкунандаи давраҳои гуногун асоснок менамуд.

Бо вуҷуди ин, автореферати диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ва дорои сохтори мукаммали мантиқӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонад ба ҳалли мушкилоти назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд ва сабаби рафъи камбудиҳои муайяни ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории миллӣ дар ин соҳа гардида, дар тадриси

фаннҳои таълимии «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи нақлиётӣ» ва ғайра, истифода гардад. Бо назардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки муаллифи таҳқиқоти илмӣ Султонзода Шоҳкарим Султон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мебошад.

**Муқарриз: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи**
**давлатии Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи**
**Носири Хусрав» Тел.: (+992) 93-767-82-92;**
**(+992) 00-177-82-92;**
**e-mail: abdurakhimov1987@bk.ru** **Абдураҳимзода С. Қ.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**735140, ш.Бохтар, кучаи ба номи**
**Садриддин Айнӣ, 67.**
**Телефон. (83222) 2-54-81; (83222) 2-48-63**
**E- mail: bgu-1978@mail.ru**

**Имзои Абдураҳимзода С. Қ. - ро тасдиқ менамоям**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи**
**давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** **Нажмиддинов М.М.**

**«30» 03 2026 сол**